**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи "Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ**

Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳои хело қадимаи ғаниву шуҳратёфта миёни забонҳои эронӣ мебошад. Бо таркиби ғанию рангин ва мустаҳками худ бисёри аз қитъаҳои оламро фарогир асту мавриди истифодаи бошандагон мебошад. Дар такмилу ғановати ин забон адибон саҳми босазо доранд.

Забони тоҷикӣ забони номдор ва аз ҷиҳати гуворои гуфтораш писандидаву ҷойгоҳёфтаи Машрику Мағриб ва ҳатто Ҳинд мебошад. Забони тоҷикӣ – на танҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр, Марву Балх, балки дар Ҳиндустон ҳам мақоми худро пайдо кард ва бисёри арбобони сухан асарҳои худро дар ин кишварҳо маҳз бо ҳамин забон эҷод мекарданд.

Омӯзиши осори адибон имконият медиҳад, ки дар забоншиносии тоҷик ба мақоми калима дар таркиби ҷумла, хусусиятҳои савтӣ, рушди маъно ва имкониятҳои морфологию калимасозии он баҳои ҳаққонӣ дода шавад. Баррасии масъалаи истифодаи диалектизмҳо дар осори мансури адибони тоҷик барои инкишофи нутқи адабӣ ва адабии гуфтугӯии ҷомеа, дарки матлаб, баёни кутоҳу муҷаз, ҳозирҷавобӣ, беҳтар гардидани маданияти гуфтори одамони синну соли гуногун мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, муаллиф тасмим гирифтааст, ки ба мақоми диалектизмҳо, анвои онҳо, омилҳои роҳ ёфтанашон ба забони асари бадеӣ, мақсадҳои услубию фардии адибон дар офаридани образҳои гуногун ва ҳодисаҳои мухталиф, нишон додани муколамаи байни персонажҳоро дар заминаи маводи асарҳои насрии адиби шинохтаи тоҷик – Сорбон, ки интихобу истеъмоли калимаҳои лаҳҷавии осори ӯ дар робита ба инъикоси ҳодисаву рӯйдодҳои гуногун дар ин ё он маҳали ҷуғрофӣ, ки ба ҳудуди интишори шеваю лаҳҷаҳои забонамон – шеваи шимолӣ, лаҳҷаҳои гузаранда ва шеваи ҷанубӣ мувофиқ меоянд, муайян намояд.

Дар муқаддимаи диссертант тибқи муқаррарот, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, моҳияти амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо

шинosnомаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян ва татбиқи кор тавсиф шудааст.

Диссертант мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб (нақша) даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат намуда метавонад. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккулп мавзуи мазкурро то андозае илман муайян кардааст.

Таҳқиқоти мазкур аз арзиши илмиву амалӣ холӣ набуда, он дар забоншиносии тоҷик аввалин пажӯҳиши диссертатсионие мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди мавзуи мазкур аз нигоҳи таърихӣ ва тасвирӣ бахшида шудааст.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Бо вуҷуди ин, дар автореферат баъзе камбудиҳои имлоӣ-техникӣ, калимасозӣ-грамматикӣ, услубӣ-наҳвӣ ва робитавӣ-мавзуӣ ба назар мерасад, ки зикри он ва ба назар гирифтани он дар тақвияти маҳорат ва такмили равишҳои илмии кор бо мавод ва таҳлилу натиҷагириҳои диссертант айни муддао хоҳад буд.

Баъзе аз норасоиҳои имлоӣ-техникӣ ва аломатҳои китобати матни автореферат аз ин қарор мебошанд;

1. Аз таҳлили бобҳо хулосаи муайян бароварда нашудааст, дар ҳоле ки зерфаслҳо низ хулосаҳои нопурра доранд.

2. Дар бахши истифодаи баъзе адабиёт низ дар тартиби овардани номи муаллиф, номи китоб, муҳаррир, макони нашр, соли нашр, миқдори саҳифа якнавохтӣ ба назар намерасад. Ҳамчунин, адабиёт ба тарзи нодурусмт оварда шудааст.

3. Дар баъзе ҷойхои рисола мавқеи истифодабарии аломатҳои пунктуатсионӣ: "тире " ва "дефис" риоя карда нашудааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки нуқсонҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, ҳусни умумиилмии корро паст намекунанд ва автореферати диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи "Баррасии лингвистии

диалектизмҳо дар осори Сорбон”, таҳқиқи илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз: доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси филология, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони ДДК ба номи А.Рӯдакӣ Саидзода М.Б.

Имзои Саидзода М.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (+992) 985297373
E-mail: saidzod-90@mail.ru

«11» майи с. 2024